**ХУЛОСАИ**

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

оид ба кори диссертатсионии Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло дар мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010300 - Педагогика ва психология (6D010301 Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот) пешниҳод шудааст

**Парвандаи аттестатсионии № ____________**

**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 11 августи соли 2025, №85**

Барои сазовор донистани Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос.

Диссертатсияи Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло дар мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ”.

Аз рӯйи ихтисоси 6D010300 - Педагогика ва психология (6D010301 Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот) ба ҳимояи такрорӣ 30 майи соли 2025 қабул карда шуд, протоколи №65-ИҲ-и шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (734024, шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 11/2; бо фармоиши КОА аз 06.09.2024, №321/шд таъсис ёфтааст).

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло 23.02.1993 таваллуд шуда, соли 2020 шуъбаи докторантураи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси 6D010300 – Педагогика ва психология (6D010301 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот) хатм намудааст.

Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло соли 2015 Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дараҷаи бакалавриро бо ихтисоси технология ва низоми иттилоот (дар иқтисодиёт) (**дипломи аълочӣ ДБА №0602073)**, соли 2017 шуъбаи магистратураи институти Иқтисодиёт ва демографияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (Академияи миллии илмҳои

Ҷумҳурии Тоҷикистон)-ро бо ихтисоси кори бонкӣ (**диплом ДМА №0000161)** хатм намудааст.

Фаъолияти меҳнатии Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло аз соли 2016 дар вазифаи мудири шуъбаи корҳои маъмурию хоҷагии Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз ёфтааст. Солҳои 2017-2018 ба ҳайси ходими илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, солҳои 2018-2020 ба вазифаи мудири бахши корҳои таҳлилию иттилоотӣ, солҳои 2020-2022 дар вазифаи мудири шуъбаи ҳамоҳангсозии фаъолияти марказҳои таҳсилоти иловагии Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2022-2024 дар вазифаи муовини декан оид ба тарбияи факултети менеҷмент ва маркетинги байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва аз соли 2024 то инҷониб дар вазифаи муовини декан оид ба таълим дар факултети таҳсилоти фосилавӣ-ғоибонаи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон кор мекунад.

Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло солҳои 2018-2020 дар шуъбаи омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 6D010300 – Педагогика ва психология (6D010301 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот) (фармоиш аз 24.10.2017, №226) таҳсил карда, талаботи нақшаи таълимиро бомуваффақият бо баҳоҳои "хуб" ва "аъло" супоридааст:

Мавзуи кори диссертатсионии Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло дар мавзуи "Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ коммуникатсионӣ" дар Шурои олимони Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 27.04.2018, №04 тасдиқ шудааст.

Роҳбари илмӣ: Камолзода Сайфиддин номзади илмҳои педагогӣ, иҷрокунандаи вазифаи дотсент, муовини директор оид ба илм, захираҳои иттилоотӣ ва хизматрасонӣ ба истифодабарандагони Муассисаи давлатии "Китобхонаи миллӣ"-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Муқарризони расмӣ:

**Назаров Аҳтам Пулотович** – доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

**Рафиев Сафархон Аюбович** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб

ба номи Абубабдуллоҳи Рӯдакӣ ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров».

Дар хулосаи мусбат додашуда, аз 26.06.2025, суратҷаласаи №19, ки онро раиси ҷаласа, мудири кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, Ализода Шоирахон., эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Кучибоев Ш.И. ва котиби ҷаласа номзади илмҳои педагогӣ Ғафорова С.П имзо карда, ректори Донишгоҳ, номзади илмҳои таърих, дотсент Набизода М.С. тасдиқ кардааст, ба диссертатсия дар умум баҳои мусбат дода, аз он ҷумла, иброз кардааст, ки “...мавзуи кори таҳкикотии муаллифро воқеан мубрам, замонавӣ ва то имрӯз нокифоя таҳқиқшуда ва интихоби мавзуъро аз ҷониби докторант саривақтӣ меҳисобад ва “...мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобшуда мубрам ва саривақтӣ буда, ба ҳалли баъзе аз мушкилот ва ихтилофоти дар ин ҷода мавҷуда то ҳадди имкон мусидат хоҳад кард...”.

Дар охир муассисаи пешбар чунин хулоса кардааст, ки “... Бо ибрози чунин нуктаи назар қайд намудан зарур аст, ки диссертатсияи Абдуллозода Наҷибуло Сайфулло дар мавзуи "Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 60010300 - Педагогика ва психология (6D010301 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот) пешниҳод шудаст, дар сатҳи зарурӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботҳои мавҷудбуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ва автореферати он дар мавзуи "Шароитҳои педагогии ташаккули салохиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ" кори илмии мустақилона иҷрошуда ва дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ буда, ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй аст. Аз ин лиҳоз, муаллифи он Абдуллозода Наҷибуло Сайфулло сазовор ба додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010300 - Педагогика ва психология (6D010301 Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот) мебошад.

Инчунин, қайд гардидааст, ки 5 номгӯй мақолаҳои илмии зерини докторант **Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло** оид ба мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди

Президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба табъ расидаанд, ки мазмуни асосии диссертатсияро инъикос мекунанд:

[1-М] Абдуллозода Н. Салоҳияти коммуникативӣ - заминаи ташаккули салоҳиятнокии хонандагон./Н. Абдуллозода // [Матн] - Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Бахши педагогика, №4 , 2019.- С. 100-104.

[2-М] Абдуллозода Н. Технологияҳои иттилоотӣ - воситаи асосии ташаккули салоҳияти хонандагон./Н. Абдуллозода // [Матн] - Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. Бахши педагогика, №1 , 2020.- С. 157-160.

[3-М] Абдуллозода Н. Ташаккули салоҳияти иттилоотии хонандагон дар раванди таълим /Н. Абдуллозода // [Матн] - Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Бахши педагогика, №2 , 2020.- С. 104-108.

[4-М] Абдуллозода Н. Ташаккул ва инкишофи салоҳиятҳои асосии хонандагон /Н. Абдуллозода // [Матн] - Номаи донишгоҳ. Донишгоҳи давлатии Хуҷанд. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ , №3 (64) , 2020.- С. 152-156.

[5-М] Абдуллозода Н. Камолзода С. Шароитҳои педагогии истифодаи технологияҳои робитавӣ-иттилоотӣ дар раванди таълим /Н. Абдуллозода, С. Камолзода // [Матн] - Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Бахши технологияи таълим, №4 (45) , 2022.- С. 200-207.

Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муфид хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Муаллиф таснифоти мухталифи мафҳуми "салоҳият" ва "салоҳиятнокӣ"-и олимони дохиливу хориҷиро таҳлил намудааст, лекин дар асоси ин танснифот муайяннамоии худро пешниҳод накардааст.

2. Муаллиф ба чабҳаҳои коркарди методии технологияҳои иттилоотиву коммуникативӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна дар сатҳи зарурӣ диққат надоданст.

3. Оид ба миқдор ва сифати технологияҳои компютерӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна дар сатҳи зарурӣ эътибор надодааст.

4. Дар диссертатсия қайд карда шудааст, ки истифоаи технологияҳои иттилоотиву коммуникативӣ ба самаранок гардидани раванди таълим мусоидат менамояд, лекин ин ҷанба дар диссертатсия пурра исбот нагардидааст.”

Бояд таъкид кард, ки ин эродҳо ҷузъӣ буда, ба арзишу сатҳи илмии диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Хулоса, “... Бо ибрози чунин нуқтаи назар қайд намудан зарур аст, ки диссертатсияи Абдуллозода Наҷибуло Сайфулло дар мавзуи "Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010300 - Педагогика ва психология (6D010301 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот) пешниҳод шудааст, дар сатҳи зарурӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботҳои мавҷудбуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ва автореферати он дар мавзуи "Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ" кори илмии мустақилона иҷрошуда ва дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ буда, ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй аст. Аз ин лиҳоз, муаллифи он Абдуллозода Наҷибуло Сайфулло сазовор ба додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010300 - Педагогика ва психология (6D010301 Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот) мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Кучибоев Ш.И. мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”, ки 26.06.2025 доир шуда довталаби дараҷаи илмӣ Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло иштирок ва бо маърӯза баромад намуд, муҳокима ва тасдиқ шудааст.

Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шудаанд.

Тақризҳоро шахсони зерин фиристодаанд:

1. Сатторов А.Э – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи алгебра ва геометрияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

Тақриз мусбат мебошад.

2. Асҳобиддини Шералӣ – номзади илмҳои педагогӣ, директори МДТ “Литсей барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Душанбе”

Муқарриз эрод надорад. Тақриз мусбат мебошад.

3. Султонзода Н.Л. – номзади илмҳои педагогӣ директори Муассисаи давлатии “Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе”,

Муқарриз эрод надорад.

4. Неъматуллозода М.М. – номзади илмҳои педагогӣ, директори МДТ “Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Душанбе” Муқарриз эрод надорад.  Тақриз мусбат мебошад.

Муқарриз эрод надорад.  Тақриз мусбат мебошад.

Муқарризони ба автореферат тақриз пешниҳоднамуда қайд мекунанд, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талабот ҷавобгӯ буда, довталаби дараҷаи илмӣ Абдуллозода Наҷибуло Сайфулло сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руи ихтисоси 6D010300 - Педагогика ва психология (6D010301 Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот) мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ ва қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 аз 30 майи соли 2025, №65-ИҲ, тибқи банди 61, Низомнома оид ба шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 67, 69 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, асоснок гардидааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки** дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи докторант корҳои зерин **иҷро шудаанд:**

- ба таври маҷмуӣ роҳҳо ва воситаҳои ҷорӣ намудани принсипҳои ташаккули салоҳият ва салоҳиятнокии технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар раванди таълим муайян карда шудаанд, ки ба рушди самараноки салоҳият ва салоҳиятнокии хонандагон **мусоидат менамоянд;**

- роҳҳои такмили усулҳои ташаккули салоҳиятнокии истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии хонандагон, сохтор ва амсилаи ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию коммуникатсионӣ **пешниҳод шудаанд;**

- ба таври маҷмуӣ баҳогузории амалӣ ва объективии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар ташаккули салоҳиятҳои азхудкунии хонандагон **собит карда шудааст;**

- нақш ва мақоми салоҳияти коммуникативӣ ҳамчун замина ва пойгоҳи асосии ташаккул ва инкишофи шаклҳои дигари салоҳият ва салоҳиятнокии хонандагон **асоснок карда шудааст;**

- муносибатҳои педагогии ташаккули салоҳият ва салоҳиятнокии технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ асоснок шуда, бо озмоиши педагогӣ санҷида шудаанд ва дар ин замина хулоса ва тавсияҳо коркард ва пешниҳод шудаанд, ки рушди салоҳият ва салоҳиятнокии асосии хонандагонро дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ **таъмин менамоянд**.

**Аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқот барои назария** бо он асоснок карда шудааст, ки:

- мушкилоти ташаккули салоҳияти хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал мавриди таҳқиқ **қарор дода шудааст;**

- тарҳи маҷмуии раванди таълим бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ коркард ва **асоснок карда шудааст**;

- асосҳои илмиву методӣ ва дидактикии тайёрнамоии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ ҷиҳати истифода намудани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар фаъолияти ояндаи онҳо **васеъ гардонида шудааст**.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- маводи таҳқиқоти диссертатсиониро **метавон** ҳамчун васоити методӣ барои рушди салоҳият ва салоҳиятнокиии хонандагон дар истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ, инчунин, дар муасисаҳои таълимӣ ба сифати маводи иловагӣ дар омӯзиши фанҳои мухталиф **истифода намуд;**

- тавсияҳои методӣ оид ба рушди салоҳият ва салоҳиятнокии хонандагон ҷиҳати истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва маводи ташхисӣ барои ошкор намудани мушкилилоти дар ин самт коркардшударо **метавон** дар раванди таълим ва низоми таҳсилоти умумӣ **истифода кард;**

- маводи бадастомада ва хулосаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми маърӯзаҳо, курсҳои махсус, семинарҳо барои хонандагону омӯзгорони оянда ва шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон **мавриди истифода қарор бигиранд;**

- хулоса ва тавсияҳои коркардшуда барои самаранок гардонидани раванди таълими хонандагон ва беҳтар сохтани сифати таҳсилот **мусоидат менамоянд.**

- натиҷаҳои таҳқиқот дар таҳияи барномаҳо, роҳнамо ва дастурҳои методӣ барои омӯзгорон ва воситаҳои таълимӣ барои муассисаҳои таълимӣ **ёрии амалӣ мерасонанд.**

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дараҷаи асоснокӣ ва дурустии илмиву назариявии таҳқиқоти диссертасионӣ, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодшударо бо асосҳои зерин собит месозанд:

- асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаи таҳқиқот ба воситаи назария ва амалияи кор тавассути омӯзиш ва таҳлили осори психологию педагогӣ, тавассути истифодаи усули муқоисавӣ, асоснок кардани нуктаҳое, ки дар фарзияи таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод карда шудаанд, муқоисаи натиҷаҳои бадастомада дар гуруҳҳои таҷрибавию озмоишӣ, таҷрибаи шахсии муаллиф ба сифати омӯзгор ва омӯзгорони дигар **таъмин карда шудаанд;**

– муқаррароти дар таҳқиқот пешниҳодшуда бо нукоти назариявӣ ва методологӣ, асоснокӣ ва комилан мувофиқ будан бо масъала ва предмети таҳқиқот мувофиқ буда, самаранокии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагонро бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ аз бисёр ҷиҳатҳо **таъмин карда метавонанд;**

– натиҷаи корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ аз тариқи аниқсозӣ, таҳлил ва ҷамъбасти маҷмуи методҳо, ки аз мақсаду вазифаҳои таҳқиқот бо пурра кардани методикаҳои гуногун дар такя бо таҷрибаи ҳосилшуда ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти озмоишӣ бар меоянд, **ба даст омадаанд;**

– натиҷаҳои ташхису санҷиш ба муқоисаи маълумоти дар ҷараёни корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастомада (то озмоиш ва баъди озмоиш) **асос ёфтанд;**

**- натиҷаҳои таҳқиқот** дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, мизҳои мудаввару семинарҳои илмиву методӣ ва омӯзишӣ ва ғ. **ироа, тасвиб ва баррасӣ шудаанд**.

**Саҳми шахсии докторант аз инҳо иборат аст:**

- **дар иштироки бевосита**и муалиф дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот ва таҳлили ҳамаҷонибаи масъала;

**- дар ҷамъоварии мавод ва таҳлили амиқи** адабиёти илмӣ, таҳлил ва шарҳу тафсири маълумоти дарёфтшуда оид ба масъалаҳои мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда;

**- дар банақшагирии дурусту мувофиқи таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии** маводу натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои озмоишӣ бадастомада;

- **дар истифодаи маҷмуи зиёди методу воситаҳои таҳқиқ**отӣ вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот;

**- дар ташкил ва баргузор кардани таҳқиқоти озмоишӣ**, тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар раванди озмоиш, таҳлили натиҷаҳо ва коркарди маълумот;

**- дар таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ ва тавсияҳои методӣ**, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ ва ироаи натиҷаҳои таҳқиқот, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва коркарди таҳқиқоти диссертатсионӣ.

Дар маҷлис аз 11 августи соли 2025, №85 шурои диссертатсионӣ қарор кард, ки Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010300 - Педагогика ва психология (6D010301 Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот) сазовор дониста шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 10 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 6 нафар доктор аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсия баррасишаванда. Овоз доданд:

тарафдор – 9 нафар, муқобили – 1, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ — Сафаров Шодӣ Асомуродович

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ — Муҳиддинзода Баҳриддин

Санаи барасмиятдарории хулоса: 11.08.2025

Мухри муассисае, ки дар заминаи он шурои диссертатсионӣ таъсис дода шудааст.